«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор, узви вобастаи АМИТ
Насриддинзода Э. С.
_______________
«_3_» апрели соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Таҳлили нарратологии романи тоҷик» (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар** соли 2012 бакалавриати Донишгоҳи Фирдавсии Машҳадро аз рӯйи ихтисоси муҳаққиқи адабиёти форсӣ ва соли 2015 зинаи магистратураи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог (забон ва адабиёти тоҷик) хатм карда, аз соли 2015 то соли 2018 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст.

Роҳбари илмии Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики АМИТ **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04.12.2015, қарори № 3 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар 1-уми марти соли 2021, № 28 маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар адабиёти даврони Истиқлол таваҷҷуҳ ба насри бадеӣ, хусусан, роман ва ҳикоя ба таври назаррас афзуд. Ҳам адибон ва ҳам муҳаққиқону мунаққидон осори таърихиву воқеъгароёнаро меҳвари чолишҳои худ қарор дода, боиси ба миён омадани сабку дидгоҳҳои ҷолибе шуданд. Яке аз асарҳои пурсарусадои солҳои охир романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод аст, ки бо равиши мутафовити танзиму нигориш худ майдони таҳлилу таҳқиқҳои гуногуни илмӣ гардид. Нависанда дар ин роман наҳваи нигориши махсусеро муаррифӣ намуд, ки дар таълифи осори таърихии воқеъгароёна басо судманд ба назар мерасад. Вижагии равиши мазкур дар мунсаҷим будани он ифода меёбад. Яъне бори иттилоотии асар нисбат ба ҳаҷму андозаи он хеле бештар буда, дар айни замон, аз ҷаззобият ва ҳунарӣ буданаш чизе коста нашудааст. Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар бо нигоҳи тоза «Ҳайҷо» ва осори дигари Ӯрун Кӯҳзодро мутолиа намуда, ба масъалаҳои муҳим, аз ҷумла хусусиятҳои сабки фардии нависанда, сохтору мазмун ва дарунмояи осори мансур, вижагиҳои матни бадеии ривоӣ ва мабҳасҳои дигар пардохтааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажӯҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни адабиётшиносии тоҷик, адабиётшиносии ҷаҳонӣ, назария ва накди осори насрӣ ва вижагиҳои романнависӣ метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия таҳлили амиқи ва муфассали романи «Ҳайҷо»-ро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст: –

- мутолиаи романи «Ҳайҷо» ва мушаххас намудани ҷузъиёти марбут ба сабки фардии нависанда;
- муайян кардани хусусиятҳои нависандаи таҷридӣ ва нависандаи воқеӣ;

– таҳлили чигунагии робитаи байни нависанда ва хонандаи роман;
– муайян намудани вижагиҳои нарратор (ровӣ) дар «Ҳайҷо»;
– таъйини ҳудуди анвои дидгоҳҳо (фокализатсияҳо) дар роман;
– тарсими хатти замонии роиҷ дар роман ва паёмадҳои он;
– таҷзияи бузургсохтор ва хурдсохтори асар ба воҳидҳои замонӣ;
– таҳлили мабҳасҳои вобаста ба замони бадеӣ, аз қабили «эллипсис», «паралипсис» ва «ҳиҷрати нарративӣ»;
– ироаи арзишгузории умумӣ ба роман вобаста ба натиҷаҳои таҳлил;
– муайян кардани ҷойгоҳи роман дар адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ;
– нишон додани навовариҳои нависанда дар ҳунари офариниш ва созмондиҳии асари бадеӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод, ҳамчунин романи «Бандии озод», қиссаи «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» ва маҷмуаҳои «Тақвими раҳгум», «Роҳи ағба», «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим», ки ҳовии қиссаву ҳикояҳои гуногун ҳастанд, интихоб карда шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажӯҳишии марбут ба шинохти ҳикоя самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро осори М. Шакурӣ, С.Ш. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифов, А. Сатторов, М.С. Имомов, А. Кӯчаров, А.С. Маҳмадаминов, Х. Асозода, Н. Салимов, А. Набавӣ, Ш. Солеҳов, С. Шамисо, М.М. Бахтин, В.И. Тюпа, В.Е. Хализев, И.П. Илйин, Р. Барт, Тс. Тодоров, П. Лаббок, М. Бал, К. Фридеманн, С. Чэтмен, Ж. Женетт, В. Шмид, М. Флудерник, Ҷ. Принс ва дигарон ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар корбурди равишҳои таҳлили нарратологӣ дар таҳқиқи асари бадеӣ, ки то имрӯз дар нақди адабӣ ва умуман, дар адабиётшиносии тоҷик собиқа надошт, зоҳир меёбад. Таҷзияи матни бадеӣ ба воҳидҳои замонӣ, тарсими ноҳамоҳангиҳои замони бадеӣ ва таносуби он бо замони воқеӣ, масъалаи ҳаракати воҳидҳои ривоӣ дар осори гуногуни нависанда, образи хонандаи ормонӣ аз назари нависанда, образи нависандаи таҷридӣ дар тасаввури хонандаи воқеӣ, тафовути нависандаи

воқеӣ аз нависандаи таҷридӣ ва фарқи нависандаи таҷридӣ аз нарратор (ровӣ), масъалаи асолати куниш ва воқеа дар асари бадеӣ-таърихӣ, робитаи мутақобили сегонаи «мундариҷа – сабк – сохтор» аз ҷумлаи мабҳасҳои сершумори таҳқиқоти ҳозир ҳастанд, ки ҳамагӣ самтҳои нави таҳлили асари бадеиро муаррифӣ намуда, арзиши таҳқиқи бисёрҷонибаро ба хубӣ инъикос менамоянд.

Ҳар фасли алоҳидаи ин таҳқиқ метавонад ба сифати меъёри ҷудогонаи таҳлили матн хидмат намуда, яке аз ҷиҳатҳо ё хусусиятҳои асари бадеиро ба таври амиқ ба тадқиқ гирад. Ҳарчанд дар диссертатсия асари мансур баррасӣ карда шудааст, вале имкониятҳои равиши мазкури таҳлил фарогир буда, барои омӯзиши осори манзуми бадеӣ низ мувофиқанд.

Дар робита бо **арзиши назарӣ ва амалии** таҳқиқ метавон гуфт, ки он дидгоҳи тозаеро ба адабиёти бадеӣ, хусусан, насри бадеӣ боз мекунад. Усулу равишҳои таҳлили нарратологӣ, ки дар диссертатсия муаррифӣ ва созгорсозӣ шудааст, дар таҳқиқи матншиносона ва таҳлилии муҳаққиқони соҳа судманд хоҳад буд. Меъёрҳои барои таҳлили романи Ӯрун Кӯҳзод вазъшуда ҳамчун намунаи таҳлили илмии корбурдӣ аҳаммияти худро дар даврони муосир гум нахоҳад кард. Муҳимтар аз ҳама, мулоҳизаҳо оид ба бахши истилоҳоти назарияи «Гуфтумони ривоӣ»-и Ж. Женетт ва қисмати марбут ба хусусиятҳои нарратор дар назарияи «Нарратология»-и В. Шмид аҳаммияти байналмилалӣ дошта, барои заррае инкишоф ёфтани илми накд мусоидат менамоянд.

Меъёрҳое, ки дар рисола барои шинохти вижагиҳои матни бадеӣ, шеваҳои ривоятпардозӣ, хусусиятҳои сабки фардӣ дар романҳо, навъҳои воқеиятпардозӣ, нуфузи ин равиши адабӣ дар насри тоҷик, шеваҳои шахсиятсозӣ истифода шудаанд, барои маърифати комили на танҳо осори Ӯрун Кӯҳзод, балки осори мансури дигар чеҳраҳои адабӣ низ кӯмак карда метавонад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ доир ба паҳлуҳои омӯхтанашудаи насри муосири тоҷик, махсусан, осори Ӯрун Кӯҳзод, таҳқиқи равишҳои таълиф ва таъйини арзишҳои ҳунарию адабии осори нависандагони алоҳида метавон мавриди истифода қарор дод.

Мухтавои таҳқиқ ва мундаричаи асосии диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар 10 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, мухтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Сабки фардӣ ва таъсири он ба сохтори ривоӣ дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/1. – С. 215-218.

[2-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Пиромуни офариниши персонаж дар романи «Ҳайҷо». Масъалаи паралипсис / Ф.Ф. Аҳмадзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 8. Қисми I. – С. 151-154.

[3-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Хусусиятҳои зовияи дид дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ, 2018. – № 4 (76). – С. 179-183.

[4-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Масъалаи «ҳиҷрати нарративӣ» дар осори Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2018. – № 3 (003). – С. 164-170.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Ҷойгоҳи персонаж дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – № 1-2 (3). – С. 220-225.

[6-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Чашмандозе ба коргоҳи эҷодии Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Садои Шарқ. – Душанбе: Сухан, 2017. – № 3. – С. 116-120.

[7-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Нақши сабки фардӣ дар низоми сохтории романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // Ганҷи Исфара. Маҷаллаи адабиву фарҳангӣ ва ҷамъиятиву сиёсӣ. – Исфара: Саманд, 2018. – № 2. – С. 21-22.
[8-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Особенности фокализации в «Воспоминаниях» Садриддина Айни / Ф.Ф. Аҳмадзода // Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ. Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ» бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 12-13-уми апрели соли 2018). – Душанбе: Сино, 2018. – С. 196-199.
[9-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Мухтассоти зовияи дид дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод / Ф.Ф. Аҳмадзода // // Пайванд. – Душанбе, 2020. – № 1-2 (39-40). – С. 86-93.
[10-М]. Аҳмадзода, Ф.Ф. Вижагиҳои бунёдини романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода / Ф.Ф. Аҳмадзода // Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии Сотим Улуғзода (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-29-уми сентябри соли 2021). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – С. 125-129.

**Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажӯҳиш дар самтҳои дигари илм, аз ҷумла таърих, фалсафа, фолклоршиносӣ, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, таърихи адабиёт, сабкшиносӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба осор ва вижагиҳои эҷодии Ӯрун Кӯҳзод ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики даврони истиқлол мушаххас мешавад.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфарро дар мавзуи **«Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 9 аз 1-уми апрели соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикӣ Муҳаммадизода Қ.М.

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти
навини форсии тоҷикӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

Имзоҳои Муҳаммадизода Қ.М. ва
Бобомаллаев И.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

2-юми апрели соли 2025.